*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе,734067,*
*кӯчаи Нахимов,64/4*

***ТАҚРИЗ***

**ба авторефератi диссертатсияи унвонҷӯ Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Истифодаи заминҳои обёришаванда дар рушди босуботи кишвар хусусан соҳаи кишоварзӣ аҳамияти хоса дошта, тавассути он истифодаи дурусти ҳар як ваҷаб замин ба роҳ монда шуда, дар рушди соҳаи кишоварзии кишвар аҳамияти хоса мегузорад. Агар мо аз таҷрибаи дурусти истифодабарии замину заминдории давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон истифода барем, он гоҳ метавон гуфт, ки ба воситаи ин омили истеҳсолот рушди соҳибкориро низ инкишоф диҳем. Муаллиф ҳангоми таълифи диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақаро тадқиқ карда, дар боби якуми рисола нишон додааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзӣ тавассути механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва омилҳои асосии таъсирирасони дар боло овардашуда таъмин карда мешавад.

Муҳаққиқ дар автореферати худ ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обиро таҳқиқ карда, дар расми 1 нишон додааст, ки ба рушди интенсивӣ ва аз нигоҳи илмӣ асосноки низоми заминдорӣ дар минтақа, баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда ва истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар равона карда шудааст (саҳ 12). Дар зерсуолҳои дар нақшаи овардашудаи автореферат хулосаи назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалиии аз ҷониби диссертант нишон дода шудааст.

Муаллиф дар сохтори кори илмии худ ба хубӣ дарк намуда, пайдарпай масъалаҳои ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақаро таҳқиқ кардааст, ки ин аз саҳми шахсии муаллиф дар самти таҳқиқоти анҷомдодааш гувоҳӣ медиҳад. Метавон гуфт, ки муаллиф ба он ҳадафҳо, вазифаҳо ва навгониҳое, ки дар нақшаи кори илмии худ гузошта буд, расидааст.

Муаллиф ҳангоми таҳлилҳо муайян кардааст, ки заминҳои обёришавандаи минтақа дар соли 2021 - 87,8 ҳазор га ташкил медиҳад, ки 7,3 %-и заминҳои минтақаи Кӯлобро дар бар мегирад. Тайи солҳои мавриди тадқиқ қарор доштани мавзӯйи мазкур ҳиссаи заминҳои обии минтақаи Кӯлоб -0,2 % кам гардидааст, ки он ба сохтумони манзили аҳолӣ ва дигар эҳтиёҷотҳои ғайрикишоварзӣ рабт дошта, ба истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад (саҳ.16).

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки яке аз механизмҳо ва усулҳои асосии танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои обӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, аз татбиқи амалии сиёсати аграрӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ маншаъ мегиранд. Як қатор фишангҳо зери таъсири вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ қарор дошта, гурӯҳе аз механизмҳои танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои обӣ эътирофи онро дорад, ки механизми бозорӣ танзими истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, бахусус заминҳои обӣ ва беҳдошти муҳити зистро таъмин карда, танзими давлатиро шарти муҳим ва зарур мешуморад (саҳ. 20).

Тавсияҳои муаллифро дар тадқиқоти гузаронидашуда дар амалияи идора кардани субъектҳо хоҷагидори минтақаи Кӯлоб истифода бурдан мумкин аст.

Ҳангоми хонда баромадани фишурдаи рисолаи илмии Тешаев Мирзошариф Сайдҷафарович дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

а) Диссертант дар ҷадвали 4 истифодаи имконияти ҳосилнокии имконпазири зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти таъмини захираҳои обӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон тайи солҳои 1991-2021 таҳлил кардааст, ки он норавшан аст;

б) Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва граматикӣ вомехӯранд, ки бартараф кардани онҳо сифати кори илмиро беҳтар менамояд.

Эродҳои мазкур ба мазмун ва муҳтавои автореферат таъсири манфӣ намегузорад, чунки натиҷаҳои илмии бадастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии тадқиқотӣ, навгонӣ ва аҳамияти амалии диссертатсия дарак медиҳад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзӯи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Муовини ректор оид ба таълим
ва идораи сифати таҳсилоти
ДДД, н.и.и., и.в. дотсент Қудратзода П.Қ.

Имзои Қудратзода П.Қ.-ро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДД Ҷабборӣ Н.Ҷ.

Суроғa: 735320,
н. Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел: +992 (83312) 22806

12.08.2021 с.